«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, д. и. х., профессор
_______________Ғафурзода А.Д.
«___»_______________соли 2020

# ХУЛОСАИ
## Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович **«ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ МУАССИСАҲОИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ (СОЛҲОИ 1924 – 1991)»** дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), аз санаи 31.08.2017, қарори №1/10 тасдиқ гардида, дар кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар давраи омода кардани рисола Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи муаллими калон кор мекард.

Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович солҳои 1999 – 2004 дар факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ таҳсил карда, бо ихтисоси таърих ва ҷомеашинос хатм кардааст. Солҳои 2005-2011 дар вазифаи ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2011-2017 муаллими калони кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи номбурда кор кардааст. Аз соли 2017 то инҷониб дар вазифаи сармутахасиси бахши мониторинги сифати таҳсилот, сардори шуъбаи таълим, мониторинг ва сифати таҳсилот, муовини сардори

раёсати таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд ва ҳамзамон ба сифати ҳамкор дар кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи мазкур ба вазифаи омӯзгорӣ машғул мебошад.

Гувоҳномаи №18/96 дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро бошад аз санаи 02.12.2019 Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав додааст, ки дар асоси он ӯ имтиҳоноти номзадиро аз фанни фалсафа бо баҳои 4 (хуб), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) супоридааст.

Роҳбари илмии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович номзади илмҳои таърих Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович ва мушовири илмии ӯ, доктори илмҳои таърих, профессор Абдуназаров Хушбахт мебошанд.

Кафедра баъди баррасии муфассали рисолаи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович ба хулосаи зерин расид:

Рисолаи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович «**ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ МУАССИСАҲОИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ (СОЛҲОИ 1924 – 1991)**» таҳқиқи комилан анҷомёфтаи илмиест, ки дорои аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдомана ва муфассали илмиеро анҷом додааст, ки он дар шакли рисолаи илмӣ дар сатҳи лозимӣ таҳия гардидааст.

Рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович бо масъалагузории ҷиддӣ, хулоса ва баррасиҳои бодалел, масъалагузориҳои боҷуръатона фарқ мекунад. Муаллиф масоили ба миёнгузоштаро бо низом ва дар сатҳи лозимии илмӣ ҳаллу фасл намудааст. Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Моҳияти илмии пажуҳиши мавзӯи рисола дар он зоҳир мегардад, ки воқеан фаъолияти муассисаҳои тибии минтақаи Кӯлоб то ҳол ҳамчун таҳқиқоти мукаммали таърихӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Ҳол он ки мавзӯи мазкур таваҷҷуҳи мутахасисони соҳаҳои гуногуни таърихро солҳо ба худ ҷалб карда бошад ҳам аммо зарурати таҳқиқи он

рӯз то рӯз таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаро боз ба худ ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи тибби Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Кӯлоб яке аз афзалиятҳои таърихнигории ватанӣ ба ҳисоб меравад ва он аҳамияти хоси илмӣ дорад.

Муҳимияти илмии мавзӯи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола бори аввал дар шакли рисолаи номзадӣ, дар доираи илми таърих давра ба давра рушди соҳаи тиб мавариди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар баробари ин дар рисола ба тариқи хронологӣ рушди соҳаи тиб дар мисоли яке аз вилоятҳои калонтарини ҷумҳурӣ таҳлил гардида, нақши он дар рушди тибби умумиҷумҳуриявӣ инъикос ёфтааст. Дар рисола инчунин таърихи тоинқилобии тиб мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳамчун тибби мардумӣ дар шакли хизматрасонии табибони гиёҳшинос ва дар шакли табобати муллоҳои динӣ нишон дода шудааст. Дар рисола инчунин нақши сохти Шӯравӣ дар сохтмони тибби замонавӣ нишон дода мешавад.

**Ба сифати объекти таҳқиқ**, пеш аз ҳама, соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб ҳамчун қисми соҳаи тандурустии ҷумҳарӣ гирифта шуда, дар доираи илми таърих аз рӯи хронология таҳлил гардид.

**Предмети таҳлили илмиро** таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб дар давраи солҳои 1924-1991 ташкил медиҳад.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Дар рафти навиштани рисола аз маводи бойгонии минтақаи Кӯлоб, хотираҳои кормандони собиқадори соҳаи тиб, маълумот аз Воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва ғайра истифода шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Дар маҷмӯъ мақсади асосии кори илмӣ дар он ифода меёбад, ки тавассути ин тадқиқот дар асоси маводҳои бойгонӣ, факту далелҳои таърихӣ, хотираҳои иштирокчиёни фактҳои таърихӣ тамоми ҳодисаҳои давраи солҳои 1920-1990 аз нуқтаи назари илми таърих мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуданд. Дар асоси ҳамин тадқиқот доир ба мавзӯи интихобшуда хулосаҳои илмӣ бароварда, онҳо

дар навбати худ барои ривоҷу равнақ додани тадқиқотҳои минбаъда дар соҳаи таърихи тиб ҳамчун сарчашмаи илмӣ мусоидат хоҳанд кард. Кори илмии мазкур таърихи тибби замони шӯравиро таҳлил намуда таҷрибаи онро ҳамчун роҳнамо барои табибони имрӯз ва фардои Тоҷикистон ҳамчун намунаи корнамоиҳо пешкаш менамояд, то ки онҳо аз ин таҷриба дар кори худ истифода мекарданд. Барои иҷро кардани мақсади гузошташуда, диссертант дар назди худ вазифаҳои зерин мегузорад:

- нишон додани вазъияти санитарии деҳот ва фалокати мардуми маҳаллӣ аз таъсири бемориҳои сироятӣ дар давраи то соли 1920;

- тадқиқоти пурраи давраи аввали таъсисёбии тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб ва нишон додани бартарии он нисбати тибби анъанавӣ;

- инъикоси корнамоиҳои кормандони тибби шӯравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ ва саҳми онҳо дар мубориза бар зидди бемориҳои сirояткунанда;

- таҳлил намудани саҳми кормандони тиб дар маҳвкунии бемориҳои сирояткунанда дар минтақаи Кӯлоб ва нақши табибони рус дар ин чорабиниҳо;

- таҳлил намудани сиёсати давлати Шӯравӣ дар роҳи таъмини минтақаи Кӯлоб бо кадрҳои соҳаи тиб ва ба арсаи таърихи тиб баромадани аввалин табибони баландихтисоси соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ;

-таҳлили пурраи афзоиш фавти кӯдакон дар ҳамаи давраҳо ва муайян кардани сабабҳои он. Ҷалб кардани диққати кормандони соҳа ба проблемаи ҳифзи саломатии модар ва кӯдак, ки сабаби асосии афзоиши фавти кӯдакон гардидааст.

**Навгониҳои илмии рисола** аз он иборат аст, ки дар он бори аввал таърихи тиб дар минтақаи Кӯлоб ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳайёти иҷтимоӣ ва иқтсодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар рафти тадқиқот душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи тиб дар ҳар давру замон омухта шуда, аҳамияти онҳо барои ҷомеа аз нуқтаи назари сиёсӣ ва таърихӣ баҳогузорӣ гардид. Дар рисола мо кушиш кардем, ки аз доираи

илми таърих берун набаромада, рушд ва инкишофи соҳаи тибро бо тамоми хусусиятҳояш мавриди таҳлил қарор диҳем. Дар рафти тадқиқот факту рақамҳои нав аз бойгонии собиқ вилояти Кӯлоб, хотираҳои ветеранҳои соҳаи тиб, маълумотҳои статистикӣ ва дигар сарчашмаҳо истифода гардиданд, ки барои илми таърих ва бахусус таърихи тиб ҳамчун факти нав мавқеи худро ишғол намуданд.

**Аҳамияти назариявии тадқиқоти мазкур** дар он аст, ки дар рафти он маълумотҳои зиёд дар бораи таърихи тибби Тоҷикистон, ки то ба ин дам таҳқиқ нашуданд, ҷамъоварӣ гардида дар шакли рисолаи илмӣ ба тасвиб расонида шуданд. Инчунин рисолаи мазкур ахамияти методологӣ дорад, ки барои тадқиқотҳои минбаъда роҳҳои таҳқиқ ва усулҳои корро нишондод менамояд.

**Аҳамияти амалии рисола** дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун маводи дарсӣ дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳои тиббӣ истифода шавад, то ки донишҷӯён тавассути он аз таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли як минтақа аз наздик шиносоӣ пайдо намоянд. Ба ғайр аз ин рисолаи мазкур таърихи тиб ва умуман таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо факту рақамҳои нав ғанӣ мегардонад. Соҳаи тиб ҳамчун соҳаи муҳими хизматрасонӣ қисми асосии сохторҳои аҳамияти тиббӣ доштаи ҷомеаро дар бар мегирад. Соҳаи тиб сиҳату саломатӣ, паст ва баландшавии шумораи аҳолӣ, тарзи ҳаёти одамон ва дигар равияҳои ҷомеаро мавриди таҳлил қарор медиҳад ва аз ин лиҳоз омӯзиши таърихи он хаттогиҳои гузаштаро нишонрас намуда дурнамои рушди соҳаро пешбинӣ мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки вай дар давоми тадқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботҳои ташкилотҳои давлатӣ ва дигар маводҳои муътамад истифода карда, саҳифаҳои номаълуми корнамоиҳои кормандони соҳаи тибби собиқ вилояти Кӯлобро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба сифати далелҳои таърихӣ ҳамчунин аз тарафи диссертант тадқиқотҳои саҳрои гузаронида шуданд, ки дар натиҷаи онҳо бевосита аз шахсони маъруф ва

иштирокчиёни воқеаҳои таърихӣ факту рақамҳои қаблан номаълум дарёфт гардиданд.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватан мувофиқ аст.

Кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенит Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифовичро кори илмии баанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 16 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 9-тои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович **«ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ МУАССИСАҲОИ ТИББӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ (СОЛҲОИ 1924 – 1991)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватан барои ҳимояи кушод тавсия дода мешавад.

**Хулоса** дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласаи васеи кафедра **12** нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор «12», бетараф ва зид нест.

Суратҷаласаи **№2 аз 28 сентябри соли 2020**

Мудири кафедраи фалсафа ва
фанҳои гуманитарии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент — Ҷобиров Раҷабалӣ Фатҳуллоевич

Котиби ҷаласа — Имомназарова Мавҷуда Илҳомовна

Имзои н.и.т., дотсент Р.Ф. Ҷобировро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Суфиев Фарҳад Раҷабович


Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,

тел./факс (992 37) 224-17-86, 228-92-20;
Почтаи эл www.apa.tj, info@apa.tj